**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09.- таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Аз таърих маълум аст,ки истилои Хуросону Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо барои минтақа даҳшати зиёде оварда, хисороти ҷониву иқтисодӣ ворид карда буд. Аз ин рӯ мардуми ин қаламрав муқобили онҳо муборизаи истиқлолхоҳона бурданд. Атрофи ин масъала таҳқиқотҳои мухталиф сурат гирифтааст. Пирузии арабҳо бар Хуросону Мовароуннаҳр ва муборизаҳои истиқлолхоҳии мардумӣ дар ин сарзамин аз назари диссертант раванди осудаву ҳамвор набуда, дар ҷараёни он унсурҳои нави фарҳангӣ, ҳувияти миллӣ ва суннату русуми мардуми бумӣ ташаккул ёфта, то имрӯз идома меёбад. Арзёбӣ ва натиҷагирии илмӣ аз ин давраи таърихӣ вазифаи таъхирнопазири таърихнигории миллӣ мебошад.

Муаллиф мақсади таҳқиқотро дар муайян намудани сабабҳои инқирози шоҳаншоҳии Сосониён, таърихнигории таърихи раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X, таҳқиқи паёмадҳои забткориҳои араб, сабабу омилҳои раванди исломпазирии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, саҳми эрониён-тоҷикон дар ташаккул ва густариши илму фарҳанги ин давра мебинад.

Дараҷаи коркарди илмии масъалаҳаи мавриди омӯзиш ба гурӯҳ ва бахшҳои алоҳида ҷудо шуда, шумораи зиёди адабиёти гуногунмазмун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар онҳо асарҳо ва худи муаллифон, инчунин давраи таърихӣ баҳогуҳорӣ мешавад.

Объект, мавзӯ, марҳилаҳои тақиқот ва дигар рукнҳои «Муқаддима» дуруст муаяйн шуда, ба мақсади таҳқиқот ва мазмуни диссертстсия мувофиқат менамоянд.

Диссертатсия иборат аз пешгуфтор, чор боб, даҳ зербоб аст. Дар автореферат муҳтавои асосии диссертатсия ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пекаш шудааст.

Бавижа боби савуми диссертатсия "Сарчашмашиносӣ ва таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаи озодихоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннахр",ки аз ду зербоб ибрат аст, хеле бамаврид аст. Муаллиф таъкид мекунад,ки вокеаҳои асосӣ дар Вароруд ва Мовароуннахр пас аз кушта шудани охирин шоҳаншоҳи сосонӣ Яздигурди III рух дода, асосан ба замони хилофати Умавиён рост меояд. Дари бора пажуӯҳиши мазкур бар пояи сарчашмаҳои муътабар ба осори муҳақиқон В.Бартолд,Б.Ғафуров,А.Ҷалилов,Ғ. Ғоибов, А.Ҳақназаров сурат гирифтааст. Аз назари мо, то имрӯз набояд фаромӯш кард,ки солҳои нахусти забткориҳои арабҳо ба сари мардуми Хуросону Мовароуннахр чӣ шикаҷаву бадбахтиҳо оварда буданд.

Диссертатсияи Ғуломов Т.М. дар мавзуи муҳим навишта шуда, аҳамияти илмиву амалӣ дорад. Аҳамияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад,ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқҳо раванди забткориҳои араб ва муборизаи истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннахр муайян гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 3 монография, 18 мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаххои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд ва 11 мақолаи дигар дар маводи конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Дар маҷмӯ, диссертатсия ва автореферати Ғуломов Т.М. ба талаботҳои нисбати чунин таҳқиқотҳо муқараршуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09.-

таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ин  унвони илмӣ мебошад.

Профессор, доктори илмҳои таърих,
профессори кафедраи таърихи умумӣ
ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон(ДСРТ) Мухиддинов С.Р.

Имзои С.Р.Мухидиновро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода,30.
Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон
E-mail: raja1956@mail.ru

12.02.2024с.